17 09 2019



**Харчанд баъди ходисаи пурталотуми шикасти давлати Иттиходи Шӯравӣ кулли кишвархои аъзои он якояк истиклолият ба даст оварда, рохи тараккиёташонро мустакиман мушаххас намуданд, аммо сарнавишти Точикистон комилан дигаргуна сурат гирифт. Мархилаи аввали даврони истиклол фочиа дошт: фочиаи табдил шудан ба эпитсентри бархӯрди манофеи абаркудратхои минтака.**

Бо вучуди он ки дар илмхои сиёсиву чомеашиносӣ ин нукта мудом мавриди бахс карор мегирад, аммо махз ду омил барои Точикистон ва мардуми дорои таърихи чандинхазорсолаи он халкунанда буд: яке зухури хиради азалии мардумӣ ва дуюм, шахсияти начотбахше дар мисоли Эмомалӣ Рахмон, ки асоситарин нукоти татбики ин хиради азалиро дар хеш тачассум мекард.

Дар тафовут аз чомеахои гарбӣ, ки фардгароӣ ё индивидуализми биологӣ асоси пешрафти онхост, дар Шарк хамеша чомеахои суннатгаро бар асоси рахбарии шахсиятхои фавкулода окилу хушманд ва фарохназар бо усули хирадсолорӣ рушд мекарданд. Хадди акал ду шароите лозим буд ва хаст, ки фаъолияти пурсамари ин навъ шахсиятхоро таъмин карда бошад: яке истеъдод ва махорати рахбарӣ нисбат ба дигарон

афзалтар бошад ва дигаре – сохти ичтимои мавчуда набояд монеаи ибтикороти ӯ гардад.
Агар шарти аввал ба сатхи донишу хирад ва заковату тачрибаи ӯ марбут бошад, пас, шарти дуюм, инак, чоряк аср аст, ки дар холи тахаввулоти доимӣ карор дорад. Сохти ичтимоии Точикистон зери рохбарии Эмомалӣ Рахмон мархила ба мархила аз лихози шаклу мухтаво рӯ ба чониби инсонпарварӣ нихода, идеали ин чомеа таъмини зиндагии шоиста барои хар як шахрванд муайян шудааст. Як вижагии чомеаи суннатӣ хамин аст, ки шахсиятхои фавкулода бузург дар анбухи мардум зуд маълум  мегарданд ва ба кудрати миллӣ мубаддал мешаванд.

Кудрати миллӣ гуфта, мо нерумандии инсонро бар хираду шуур нисбат ба инсонхои дигар дар назар дорем. Мо танхо як пахлуи таърифи шуурро дар назар дорем - муносибати окилонаву одилона ба вокеиятро. Барои ин кудрат омилхои инсонӣ, характери миллӣ, сатхи ахолӣ, майли одамон ба тарзи илмии тафаккур, рӯйдодхои атрофро ба тарзи вокеӣ бахогузорӣ кардан ва ба он дар асоси манфиатхои миллӣ таассуроти мувофик нишон додан мухимтарин аносир аст.
Инро таърих борхо исбот кардааст, вокеан, шояд конунмандӣ ва ё парадокси таърих бошад, ки Эмомалӣ Рахмон дар интихои садаи XX хамон миссияи таърихиеро анчом дод, ки соли 888-ум Исмоили Сомонӣ анчом дода буд. Махз тавассути истеъдоди фавкулодаи рохбарӣ ва дастгирии оммаи мардум, билхоса хунармандон, аввалин давлати мутамаркази точикон таъсис ёфт. Шиораш хамин буд, ки «то вакте зиндаам, калъаи Бухоро ман хастам». Эмомалӣ Рахмон низ давлати фурӯпошида ва мардуми парешони аз чанг навмедшударо ба хам овард ва шиоре миёни мардум ниход, ки «ман ба Шумо сулх меорам ва дар ин рох лозим шавад, чон месупорам».
Махз тачрибаи фочиаи солхои аввали истиклолият дарунмояи сиёсати инсонмехварии Эмомалӣ Рахмонро таркиб доданд: бо вучуди мушкилоти иктисодӣ таваччухи хоса ба илму фарханг дода шуд. Барои Сарвари давлати Точикистон рахоии пурра  аз гирдоби таассубу хурофот, ки сабаби аслии низои панчсолаи точикон буд, танхо тавассути густариши илм, тайёр намудани насли нави мутахассисони донишманд, ба кор андохтани барномахо ва консепсияхои фаро гирифтани дониш, забономӯзӣ хамчун воситаи шинохти дунё, таъсиси даххо донишгоххои нав вобаста ба такозои иктисоду ичтимоъ, фиристодани толибилмон ба макотиби олии мамолики хоричӣ ва вобаста ба ин ибтикор таъсис додани стипендияи вижаи президентӣ, ташкили квотаи махсус чихати осон кардани мушкили тахсили духтарон ва писарон аз манотики дурдаст, бастани садхо созишномахо чихати доду ситади илмиву фарханӣ ва мубодилаи донишчӯёну устодони макотиби олӣ имконият дошт.
Хама пахлухои ин сиёсатро, ки онро кӯтох метавон сиёсати маорифпарварӣ ё рӯшангарӣ гуфт, дар ин мухтасар аён кардану шарх додан имкон надорад. Хаминро метавон таъкид кард, ки барои Сарвари давлати Точикистон чихати татбики ин сиёсат аз ибтидо то кунун такя кардан ба зиёиёни донишманд - устодони макотиби олӣ, кормандони илмии сохторхои Академияи  илмхо,  шоирону  нависандагон принсипи асосии фаъолият буд ва то кунун идома дорад. Барои мисол таваччухи Пешвои миллатро ба Донишгохи миллии Точикистон намуна овардан кофист. Мухаббату самимияти Пешвои миллатро ба ахли зиёи ДМТ аз шумораи сафархо ва вохӯрию мулокотхояш бо устодону донишчӯёни ин

боргохи маърифат метавон маърифат кард. Ханӯз чомеа ба созишномаи умумии истикрори сулх дастёб нашуда, мохи феврали соли 1997 мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо фармони махсус номи ин муассисаи таълимию илмиро тағйир дод: Университети давлатии Точикистон хамчун муассисаи таълимии худмухтор унвони расмии Донишгохи давлатии миллии Точикистонро гирифт. Баъдан, соли 2008-ум бо Фармони нави Сарвари давлат (аз 28.10.2008) номи расмии ин таълимгох Донишгохи миллии Точикистон мукаррар гардид. Боздиди Сарвари давлат аз донишгох 12-уми сентябри соли 1998 ба ифтихори 50-умин солгарди таъсиси ин ниходи тахсилотӣ ва, баъдан, солхои 2007, 2008, 2010, 2015 вобаста ба бунёди бинохои нави таълимӣ ва ибрози назарияхои нави Сарвари давлат рочеъ ба такмили илму маориф амалӣ шудаанд.
Як чузъиёти чунин мухаббати самимии Президент нисбат ба Донишгохи миллӣ шояд он бошад, ки он кас хамин донишгохро хатм кардаанд. Аммо дар манзараи умум ин далел хеле чузъӣ менамояд. Мухим ин аст, ки Пешвои миллат хама орзуву ормон ва гояхои нави давлатдориро дар сохаи илму маориф кабл аз дигар сохторхо махз дар Донишгохи миллӣ мехохад татбик кунад, зеро ба зарфияти илмиву тахсилотии он итминони бештар дорад.
Назари куллии Сарвари давлат хамин аст, ки бе ислохоти бомаром ва пайвастаи маориф давлат пеш нахохад рафт, миллат комёб нахохад шуд. Аз ин рӯ, дар консепсияи маорифпарваронаи Пешвои миллат хамин ислохот - ислохоти доимии сохаи маориф дар мадди аввал аст;
дуюм, ба ичрои хадафхои стратегии давлат равона намудани илмхои бунёдист;
сеюм, таъмини хифзи арзишхои милливу фархангӣ тавассути се ниход - чомеа, мактаб ва оила;
чорум, баланд бардоштани макоми забони давлатӣ, дар зехну шуури ахли чомеа устувор намудани мафкураи миллӣ ва гояхои милливу ватандӯстона;
панчум, вусъати корхои ташвикотию таргиботӣ ба хотири аз хама гуна равияхои хурофотӣ ва ифротӣ хифз намудани шахрвандон…
Ва бовари Сарвари давлат ба ин аст, ки хамаи ин хадафхо бидуни тахкикоти мукаммал ва густурдаи олимони сохахои гуногуни илму фарханг - файласуфону чомеашиносон, иктисодшиносон, равоншиносону забоншиносон ва намояндагони улуми тарбияву тадрис имконпазир нахохад буд.

**Мухаммадюсуф ИМОМЗОДА,**
**Хафиз РАХМОН**